Зан набояд масофаи ду рӯзро тай кунад, магар ин ки шавҳар ё маҳраме бо ӯ бошад

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) - ки дар дувоздаҳ ғазва бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ширкат карда буд - ривоят аст, ки гуфт: Чаҳор чизро аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) шунидам ва ба ман писанд омад. Фармуданд: "Зан набояд масофаи ду рӯзро тай кунад, магар ин ки шавҳар ё маҳраме бо ӯ бошад. Дар ду рӯз рӯза гирифтан раво нест: Иди Фитр (Рамазон) ва Қурбон. Ва баъд аз субҳ то тулуъи офтоб намоз раво нест. Ва баъд аз намози аср то ин ки офтоб ғуруб кунад, намоз раво нест. Ва бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: Масҷидул-ҳаром, Масҷидул-ақсо ва ин масҷиди ман."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз чаҳор чиз наҳйи карданд: Аввали онҳо: Манъ кардани зан аз сафаре, ки масофаи он ду рӯза роҳ бошад, бидуни шавҳар ё яке аз маҳрамонаш. Ва манзур аз маҳрам, касе аст, ки издивоҷ бо ӯ то абад ҳаром аст, монанди, писар, падар, бародарзода, хоҳарзода, амак ва тағо ва монанди онҳо. Дуввум: Ҳаром будани рӯза гирифтан дар рӯзи иди Фитр ва иди Қурбон, хоҳ он рӯзаи нафлӣ бошад ё рӯзаи назр ё рӯзаи каффорат. Сеюм: Намозҳои нафлӣ баъд аз намози аср то ғуруби офтоб ва баъд аз намози бомдод то тулуи офтоб ҳаром аст. Чаҳорум: Наҳйи аз сафар кардан ба ҳар ҷое аз рӯйи эътиқод ба фазилати онҷо ва чанд баробар шудани савоб, ба ғайр аз масҷидҳои сегона. Бинобар ин ба қасди намоз хондан бори сафар баста намешавад, магар ба ин се масҷид, зеро аҷру савоб дучанд намешавад, магар дар ин се масҷид: Масҷидул-ҳаром, Масҷиди набавӣ ва Масҷидул-ақсо.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/10603